«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б.
«_12_» майи соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, хусусан, бандҳои 7-8-уми «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи мазкур мувофиқат мекунад.

Марҳалаи мавриди назар яке аз давраҳои бисёр муҳимми адабӣ ба шумор рафта, тағйироти зиёд дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва адабӣ, дигаргуниҳои сифатан нав ва кӯшиши ба вуҷуд овардани сабки ҷадиди адабӣ рӯйи кор омад.

Мирзо Абдулқодирхоҷаи Савдо бо офаридани осори гаронбаҳо ва тарғиби ғояҳои пешқадам дар рушди адабиёти давраи худ саҳмгузор буда, дар эҷодиёти ӯ асосан жанри ғазал ҷойгоҳи махсус дорад. Инчунин, дар таҳаввули навъҳои дигари адабӣ, ба мисли маснавӣ, қасида, қитъа ва рубоӣ низ саҳми назаррас дорад.

Ба ҳамин хотир, диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим ба як масъалаи дорои аҳаммияти хос бахшида шуда, диссертант дар раванди пажуҳиш ба дастовардҳои муайян ноил шудааст. Мавзуи интихобшуда мубрам буда, ҷойгоҳи яке аз чеҳраҳои машҳури адабиро дар доираи адабии Бухоро муайян месозад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ба вуҷуд овардани зиндагиномаи илмии Савдо, баррасии мероси адабӣ, аҳаммияти адабии “Баёз”-и Савдо ва таъини ҷойгоҳи шоир дар доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми ҳалталаб дар адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Ироаи гузоришҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқ ва таълиму тадриси асосҳои адабиётшиносӣ, ҳангоми пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба барқарорсозии зиндагиномаи илмии адибон, табақабандии жанрии шеърҳо, таҳқиқи хусусиятҳои нусхашиносии баёзҳо ва дигар осори хаттӣ, мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоирон арзиши муҳим доранд. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда мебошад, ки **асос ва ҷанбаи қавии илмӣ** доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» як падидаи илмии нав ва пурмуҳтаво маҳсуб меёбад ва дар илми адабиётшиносӣ аз ҷумлаи таҳқиқоти муҳим ва саривақтӣ ба шумор рафта, нахустин кори таҳқиқӣ дар мавзуи мазкур мебошад.

Дар диссертатсия бори нахуст ба таври мушаххас мазмуну мундариҷа, хусусиятҳои бадеӣ, воситаҳои асосии тасвири бадеӣ, ҳунари шоирӣ, вазн, ихтиёроти шоирӣ, қофия ва радиф мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо аз ҷиҳати забон, сабки баён, ҳунари шоирӣ ва маҳорати эҷодии ӯ таҳқиқ шудааст.

Масъалаҳои таҳқиқшаванда муҳимму зарурӣ буда, дорои арзиши илмӣ, назарӣ ва амалӣ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқоти назарии матраҳгардида, баҳсҳои фарогирифта дар ҷузъҳои таркибии диссертатсия, усулҳои баррасии истифодашуда дар таҳқиқи масъалаҳо, паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои дигари эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо, асарҳои манзуму мансури адибони ҳамаҳди шоир, хусусиятҳои жанрию муҳтавоӣ, вежагиҳои ҳунарии осори манзум ва масъалаҳои забон, сабк, диди бадеӣ, ҳунари шоирӣ густариш дода, дар такмили назари таҳқиқӣ оид ба осори бадеӣ дар коргоҳи адабию маърифатии шоирони ҳамаҳди Савдо саҳми муносиб хоҳад гузошт.

Аҳаммияти **амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои илмии ҳосилшуда дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик ҳангоми пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба барқарорсозии зиндагиномаи илмии адибон, табақабандии жанрии шеърҳо ва таҳқиқи хусусиятҳои дигар осори хаттӣ арзиши муҳим доранд. Ҳамчунин, хулосаву пешниҳодҳои муаллифро дар вақти навиштани мақола, таълифи монография, навиштани китобҳои дарсӣ, таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои

миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо, омӯзиши масъалаҳои марбут ба воситаҳои тасвири бадеӣ, ҳунари балоғӣ ва таъйини ҷойгоҳи адабии шоирони дигар мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Салимзода Муҳайё Абдусалим аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, пеш аз ҳама, дар заминаи ҷустуҷӯ, таҳлил, баррасӣ, мубоҳисаву муҳокима ва дар асоси далелҳои зиёди илмӣ ба натиҷаҳои мушаххас расидани ӯ маълум аст. Кори таҳқиқии мавриди назар бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар бобу фаслҳои диссертатсия баҳсҳои судманди илмӣ ва **натиҷагириҳои асоснок** ба мушоҳида мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқ ба шакли ҷомеъ дар 14 банд манзур шудаанд ва қобили эътимоду асосноканд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Масъалаҳои асосию фаръии таҳқиқшаванда дар диссертатсия бо маслиҳату машварати устоди роҳнамо пешниҳод гардида, фарзияҳои таҳқиқ муайяну асоснок шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар хусуси зиндагинома, мероси адабӣ, анвои шеърӣ, аҳаммияти “Баёз”-и Савдо, мазмун ва хусусиятҳои бадеии шеърҳои шоир ақидаи шахсӣ ва андешаҳои илмиашро **асосноку мудаллал** баён намудааст. Таълифоти муаллифи диссертатсия ва силсилаи мақолаҳои ба табъ расонидаи ӯ фарогири натиҷаҳои асосии таҳқиқ буда, саҳми фардиашро дар ҳалли масъалаҳои мавриди пажуҳиш муайян мекунад.

Ҳамчунин, саҳми шахсии диссертантро иштироки ӯ дар маҳфилу ҳамоишҳои илмӣ ва интишороташ доир ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамоянд.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим як қатор масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд. Танзими сохтории кори таҳқиқӣ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, тамоми нукоти мазкур дар қисмати назарӣ бо мисолҳои марбут тасбит шуда, баҳсҳои тозае, ки довталаб ба миён овардааст, шоистаи истиқбол ҳастанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 5 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин теъдод 3 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Таҳлили ҳамаҷонибаи Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX, ки дар диссертатсия ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, баёнгари он аст, ки таҳқиқ ба гунаи шоиста анҷом шудааст.

Ба таври куллӣ, омӯзиши илмии зиндагиномаи як шоир, **дастрас намудани осори парокандаи** ӯ аз сарчашмаҳои мавҷуд, омӯзиши хусусиятҳои **ҳунарии осор,** омӯхтан ва **баррасии «Баёз»-и Савдо** ва **мухтассоти он** дорои аҳаммият ва қобили таваҷҷуҳ аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат мебошад. Баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Боби аввали диссертатсия «Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо» номгузорӣ шуда, дар навбати худ аз ду фасл ва чаҳор зерфасл иборат аст. Дар фасли якум «Зиндагиномаи Абдулқодирхоҷаи Савдо» ахбори муаллифони тазкираҳо, дигар сарчашмаҳои адабӣ, маълумоти муҳаққиқони муосир ва ишораҳои шарҳиҳолӣ дар ашъори худи шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифта, **зиндагиномаи илмии Савдо** барқарор шудааст.

Дар ин бахш кӯшидааст, то ки бо истифода аз маводди тозаи бадастоварда, инчунин, дастовардҳои навини адабпажуҳӣ, масъалаҳои мавриди назарро таҳқиқ карда, манбаъҳои мавриди истифода қарор додаи хешро ба се гурӯҳ табақабандӣ кардааст.

Дар диссертатсия ахбори мундариҷ дар сарчашмаҳоро ҷамъбаст намуда, нахустин муҳаққиқи Савдоро дар ин фасл муайян намудааст. Ба андешаи муаллиф, дар миёни тазкираҳои замони Савдо ахбори нисбатан муътамаду бештареро оид ба рӯзгор ва хусусиятҳои ашъори адиб аз тазкираи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дарёфт намудан лозим аст.

Дар адабиётшиносии тоҷик ва кишварҳои форсизабони Эрон ва Афғонистон андешаҳои устод Айнӣ дар бораи ин шоир нахустин марҷаъ ва манбаи илман асоснок ба ҳисоб меравағд.

Дар масъалаи барқарорсозии зиндагиномаи Савдо ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ намудааст: таваллуд, ному насаб ва баромади иҷтимоӣ, устод, таҳсилот ва касби камол, зиндагӣ ва алоқамандӣ ба дарбор, муносибати Савдо бо донишмандони замон ва фарҷоми зиндагии шоир.

Дар ин бахш аз қавли сарчашманигорон ба чунин натиҷа расидааст, ки таҳсилоти ӯ асосан ба ду забон – форсӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ сурат гирифта, инчунин, ба забони ӯзбекӣ шеър ҳам эҷод кардааст.

Ҳамчунин, бо Аҳмади Дониш ошноию алоқа доштани шоир ва дӯсти наздик будани онҳо таъкид шуда, аз назари озодии шахсӣ ва тааллуқоти дарборӣ ҳаёти Савдоро ба **ду марҳала** ҷудо намудааст, ки ин низ аз дастовардҳои муаллифи рисола ба ҳисоб меравад.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия «Мероси адабии шоир» ном дошта, аз чор зерфасл ва зерфасли сеюм аз чаҳор бахш таркиб ёфтааст.

Яке **аз ҷиҳатҳои хуби** ин бахш дар он аст, ки дар диссертатсия аз тариқи **оморгирӣ** ашъори зикркардаи муаллифони тазкираҳоро баррасӣ карда, дар охири баҳс натиҷаи умумиро **аз тариқи ҷадвал** нишон додааст. Ҳамчунин, порчаҳои шеърии аз сарчашмаҳо дастраснамудаашро бо нусхаҳои чопӣ, асосан "Баёз"-и Савдо, "Гулшани адаб" ва дигар манбаъҳо, муқоиса намуда, натиҷаи ин бахшро дар ду ҷадвал нишон додааст.

Дар бахши мазкур, теъдоди байтҳои ба забони ӯзбекӣ сурудаи Савдоро бо байтҳои ашъори форсӣ (тоҷикӣ)-аш зам карда, ҷамъи умумии байтҳои шоирро 1335 нишон додааст, ки аз **амиқравиҳои муҳаққиқ** шаҳодат медиҳад.

Дар бахши ғазал бошад, муаллифи диссертатсия илова бар 50 ғазале, ки дар "Мунтахабот" ва "Гулшани адаб" чоп шудаанд, аз ду сарчашма: "Баёз"-и Савдо ва "Тазкират-уш-шуаро"-и Абдуллоҳоҷаи Абдӣ боз 9 ғазали дигар пайдо намуда, ҷамъи ғазалҳои дастрасиро ба 59 баробар донистааст.

Донишҳои назарии муаллиф кумак намудааст, ки дар ин бахш 4 шеърро ба унвони маснавӣ ҷудо намудааст. Инчунин, се қасида, ҳашт қитъа ва нуҳ рубоии шоирро низ мавриди баррасӣ қарор дода, қитъаҳои шоирро, ки 8-то мебошанд, аз назари **фарогирии мазмун ба гурӯҳҳо** ҷудо кардааст, ки ин низ аз дастовардҳои муҳимми муаллифи рисола маҳсуб меёбад.

Теъдоди дигар анвои шеърӣ, ба мисли таркиббанд, тарҷеъбанд, мухаммас, фард ва аз навъҳои рӯбаноии адабиёт марсия, шаҳрошӯб ва ҳазлиёт дучор мешаванд, ки дар диссертатсия муайян гардидаанд.

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки Савдо дар ҳамаи анвои маъмули ашъори ғиноӣ шеър сурудааст. Жанрҳои рӯбаноии адабиёт дар коргоҳи эҷодии Савдо вусъати чандон надошта бошанд ҳам, аз пайгирии суннати адабии роиҷ дар марказҳои адабии қаламрави Мовароуннаҳр, бахусус Бухоро, дарак медиҳанд.

Мероси мансури Савдо аз як ҳикояти хурд ва як асари дигар иборат буда, бо номи "Музҳика" шинохта мешавад, ки матни пурраи ин ҳикоя дар "Баёз"-и Савдо дарҷ шудааст ва ҷиҳати шиносонидани забону сабки шоир ҳикояи мазкур дар диссертатсия айнан нақл шудааст.

Асари дуюми насрии Савдо "Музҳика" ном дошта, аз муқаддима ва маҷмуи панҷ ҳикоят иборат аст, ки ҳама мухтасар буда, ҳикояҳо нағма номида шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия ««Баёз»-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ва аҳаммияти он ҳамчун сарчашмаи адабӣ» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии “Баёз”-и Савдо, дар фасли дуюм баёз аз ҷиҳати сохт ва таркиб, дар фасли сеюм аҳаммияти «Баёз»-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллифи диссертатсия нусхаи мавриди назарро аввал тавсифи библиографӣ намуда, пасон ба тавсифи кодикологӣ пардохтааст, ки ҳусни корро дучанд афзудааст. Дар бахши мазкур чунин натиҷа ба даст овардааст, ки дар дастнависи “Баёз”-и Савдо котиб як нафар набуда, балки матни дохили он аз ҷониби чандин нафар китобат шудааст ва аз назари муҳтаво ба қатори баёзҳои фарогири ашъор ва намунаи наср дохил мешавад. Ин навъи сохтани баёз, ки бештар дар он намунаи ашъор дарҷ шуда бошад, махсуси минтақаи Мовароуннаҳр мебошад.

Аҳаммияти “Баёз”-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ, пеш аз ҳама, дар фарогирии намунаҳои ашъори шоирони гузаштаву ҳамзамони Савдо мушаххас мешавад. Муаллифи диссертатсия дар таркиби “Баёз”-и Савдо бо намунаи ашъори адибоне дучор шудааст, ки онҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун донишманд машҳуранд. Чунончи, яке аз чунин адибон Насириддини Тӯсӣ мебошад, ки дар ин баёз аз ашъори форсии ӯ намуна оварда шудааст. Дар ин «Баёз» бештар аз Абдулқодири Бедил ва худи Абдулқодирхоҷаи Савдо намунаҳои шеърӣ оварда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо» унвонгузорӣ шуда, боби мазкур аз ду фасл иборат аст. Дар фаслҳои мазкур масъалаҳои мазмун ва мундариҷаи ашъори шоир ва хусусиятҳои бадеии ашъори ӯ таҳқиқ шудаанд. Дар навбати худ ҳар фасл аз чор зерфасл таркиб ёфтааст.

Дар зерфаслҳои фасли якум мавзуъҳои ишқ, ҳаҷву мутоиба, ҳасби ҳол ва мавзуъҳои иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд.

Муаллифи диссертатсия перомуни мазмуну мундариҷаи ашъори шоир ибрози андеша карда, осори манзуми шоирро аз назари муҳтаво **огоҳона** ба ду қисмат ҷудо кардааст: а) лирикаи ишқӣ, б) ашъори ҳаҷвӣ-мутоибавӣ.

Дар ашъори Савдо ғазал дар ҷойи аввал меистад ва яке аз навовариҳои Савдоро муаллиф дар он мебинад, ки ӯ оҳангҳои марбут ба мазаммати зуҳду риё ва таассубу ҷаҳолатро низ дар қолаби ғазал дар заминаи баёни эҳсосу отифаи ошиқона баён кардааст.

Яке аз вежагиҳои асосии тамоюлоти мавзуӣ дар эҷодиёти Савдо таваҷҷуҳи зиёди шоир ба ашъори ҳаҷвию мутоибавӣ мебошад. Дар ин бахш

муаллифи диссертатсия ашъори ҳаҷвию мутоибавии Савдоро **амиқ омӯхта**, дар диссертатсия онҳоро **дар ваҷҳи писандида** ба чаҳор бахш ҷудо кардааст.

Паҳлуи дигари ҳаҷву мутоибаҳои Савдоро муаллифи диссертатсия дар назари интиқодии шоир нисбат ба **падидаҳои рӯзгораш** донистааст, ки ба назари инҷониб саҳеҳ мебошад.

Мавзуъҳои иҷтимоӣ ва инъикоси ҳаёти воқеии замони худ дар ашъори Савдо яке аз хусусиятҳои асосии сабки сухани шоирро аз лиҳози фикрӣ муайян намуда, дар онҳо оҳангҳои иҷтимоӣ қавӣ буда, чунин ба назар мерасад, ки шоир ба падидаҳои иҷтимоӣ бетараф набуда, дар баробари ноадолатиҳои рӯзгор дар андеша будааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар, ки ба вусъати назари иҷтимоии Савдо далолат мекунад, омезиши мазмунҳои гуногун дар қолаби як шеър мебошад. Диссертант барои намоёнидани ин ҷиҳати эҷодиёти Савдо матни як ғазалро асос қарор дода, дар диссертатсия атрофи он мулоҳизаҳои хешро баён карда, ба чунин натиҷа расидааст, ки Савдо танҳо ба зоҳири ғазали Бедил пайравӣ карда, аз назари дарунмоя бо ворид кардани мазмунҳои иҷтимоӣ навоварӣ дорад.

Дар зерфаслҳои фасли дуюми боби сеюми диссертатсия масъалаҳои забон ва сабки баён, воситаҳои тасвири бадеӣ ва маҳорати шоирӣ, вазн ва ихтиёроти шоирӣ, қофия ва радиф баррасӣ шудаанд.

Дар шеваи **забонии эҷод** ва **сабки баён** низ Савдо тозакориҳои бунёдӣ дорад. Чунончи, дар ғазале вожаҳои “*оҳид*” (оҳ кашидан), “*бисабрам*” (сабр кардан), “*менол*” (нола кардан), “*беилтифотанд*” (лутф кардан) кор гирифта шудаанд, ки тозакории хушоянд дар нафосати баён аст ва аз қисмати исмии забон феълҳои сохтаву мураккаб месозад, ки ин падидаи сабкии ҳунарӣ миёни суханварони форс-тоҷик беқиёсу ягона аст. Ҳунари Савдоро дар истифодаи вожаҳо дар мавқеи қофия низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар ғазале калимаҳои “началидо”, “качалидо” ҳамчун қофия истифода шудаанд, ки аз ҷиҳати сохтор ва услуби истифода тозагие доранд.

Ҳунари шоир ғолибан дар дарунмоясозии каломи ҳунарии манзум ба мушоҳида мерасад. Муаллиф миёни образҳои офаридаи Савдо ва низоми образофаринии хосси Мирзо Бедил фарқиятҳои назаррасро муайян намуда, дар диссертатсия бо намунаҳои шеърӣ ба **исбот** расонидааст.

Аз назари ҳунари балоғӣ бошад, яке аз вежагиҳои муҳимми ашъори шоир аз он иборат аст, ки шоир аз ибора ва калимаҳои гуфтугӯӣ ҳунармандона истифода кардааст, ки онҳо ҷойи санъатҳои бадеии анъанавиро ба хубӣ иваз кардаанд.

Дар зерфасли марбут доир ба вазн ва ихтиёроти шоирӣ пажуҳиш сурат гирифта, аввал вазни ашъори шоир мувофиқи назарияи арузи суннатӣ,

инчунин, тибқи асосҳои арузи ҷадид аз тариқи басомад натиҷагирӣ шуда, ба масъалаи ихтиёроти шоирӣ мувофиқи назарияи ҷадиди шинохти нозукиҳои авзони арузӣ таҳқиқ намудааст. Бештари авзони истифода кардаи шоир бо муҳтаво дар таносуб қарор доранд, ки чунин вазъ ҳодисаи нодири ҳунарӣ маҳсуб мешавад.

Яке аз дастовардҳои дигари муаллифи диссертатсия дар бахши мазкур аз он иборат аст, ки навъҳои қофия муайян шуда, барои ҳар кадом навъи қофияи пурбаҳо мисолҳо оварда, дар чанд маврид ба уюби қофия ҳам ишора намудааст ва анвои қофияи пурбаҳо дар ғазалиёти Савдоро дар ҷадвал нишон додааст.

Радиф дар шеърҳои Савдо дар ҳадди эътидол истифода шуда, бештар аз ҷиҳати сохт сода ва дар охири мисраъҳо омадаанд. Теъдоди ашъори радифдор аз берадиф бештар аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 14 банд оварда шудаанд, ки натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати ӯ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин кор мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 3 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот доранд ва мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмию таҳқиқӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Тарзи баёни диссертант дар фасли дувуми боби якум ва зерфасли чоруми боби сеюм хусусияти тавсифӣ гирифтааст ва зарур аст, ки онҳоро бо баёни хулосаҳои илмӣ қавитар сохт.

2. Агар диссертант дараҷаи таҳқиқи мавзуъро таҷдиди назар намуда, мукаммалтар мекард, сифати пажуҳиш баландтар мегардид.

3. Гоҳо дар диссертатсия услуби илмии таҳқиқот ба услуби публитсистӣ тамоюл пайдо намудааст.

4. Дар фасли дуюми боби аввал, ки дар он роҷеъ ба тазкираи Фаҳмӣ баҳс мешавад, муҳаққиқ баъзе осори тазкиранигорро пурра муаррифӣ намекунад. Масалан, аз баъзеи ин асарҳо мисолҳо наовардаасту сухани худро ба он бодалел насохтааст.

5. Дар диссертатсия бархе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши корро боз ҳам меафзояд.

Ба ҳеҷ ваҷҳ, камбудиҳои зикршуда арзиши илми кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои ҷолиби таҳлилию адабӣ гирифтан мумкин аст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пурраги мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

муҳокима ва тасдиқ шудааст (протоколи № 10, аз 11-уми июни соли 2026). Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Салими Хатлонӣ

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи
назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Боев Шавкат Элмуродович

Имзоҳои профессорон С. Хатлонӣ,
Н. С. Шамсов ва дотсент Ш. Э. Боевро
тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С. УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев,17/6
Тел: +992 (37) 2325000, 2328730, факс: 2325003
mail: rector@ddzt.tj; info@ddzt.tj; ddzt@ddzt.tj
Сомона: www.ddzt.tj